Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

15 марти соли 2023
Чоршанбе
№ 21 (14929)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# ХАБАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ СИЮ ҲАШТУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

***14 марти соли 2023 дар шаҳри Тошканд маҷлиси умумии сию ҳаштуми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид.***

Сенаторон масъалаи баргузор намудани раъйпурсиро бинобар лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» баррасӣ намуданд.

10 марти соли ҷорӣ ҷамъомади Палатаи қонунгузорӣ баргузор гардид, ки дар он қарор дар бораи таъин намудан ва баргузор кардани раъйпурсӣ оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ қабул гардида буд. Дар қарор инчунин ба Суди конститутсионӣ барои муайян намудани мутобиқати он ба Конститутсия ва ба даст овардани хулоса равон намудан пешбинӣ гардида буд.

Суди конститутсионӣ 13 марти соли ҷорӣ ҷамъомади худро баргузор намуда, қарори мазкурро омӯхт ва онро мутобиқи Конститутсия шинохт. Бинобар Қонун «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Ӯзбекистон» лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ дар Сенат баррасӣ гардид.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки ислоҳоти конститутсионӣ ҷузъи ҷудонопазири бозсозиҳои куллие, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба вуқӯъ меоянд ва ҳамзамон барои он заминаи мустаҳками ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад, Қонуни асосиро ба воқеияти имрӯзаи ҷамъият ва мантиқи ислоҳоти босуръатамон мутобиқ менамоянд, ба ҳисоб меравад.

Пешниҳодоти халқамон, эксперт ва мутахассисон, таҷрибаи байналхалқӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ ба назар гирифта шудаанд.

Бинобар ғояи он, ки «манбаи ягона ва муаллифи Конститутсия халқ бояд бошад», муҳокимаи умумихалқӣ доир ба лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ ба вуқӯъ пайваст, аз аҳолӣ дар маҷмӯъ беш аз 220 ҳазор пешниҳодот доир ба такмили он расид, ки чоряки он дар лоиҳа инъикос гаштааст.

Зимни таҳияи лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ беш аз 400 ҳуҷҷати байналхалқие, ки СММ, САҲА, СҲШ, ИА, Созмони давлатҳои туркӣ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, конститутсияҳои қариб 190 мамлакат қабул намудааст, амиқ таҳлил гардиданд.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ якчанд бор бо иштироки эксперт ва мутахассисони байналхалқӣ, инчунин бо баргузор намудани қариб даҳ экспертизаи хориҷӣ ва байналхалқӣ, ки инчунин онҳо инро дастгирӣ намуданд, муҳокима гардид.

### Меъёрҳои принсипнок бинобар мақоми ҳуқуқии давлати Ӯзбекистон ҷорӣ мегардад

Бори аввал дар Конститутсия ба сифати тартиби бебадал ҷойгир карда мешавад, ки Ӯзбекистон давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ин меъёри принсипиалӣ барои нигоҳдорӣ ва минбаъд мустаҳкам намудани истиқлолияти мамлакатамон, муттасил идома додани ислоҳот, ки ба принсипи «Ба хотири шарафи инсон» ва таъмини афзалияти ҳуқуқ асос меёбад, нигаронда шудааст.

### Ӯзбекистон дар муносиботи байналхалқӣ ба некҳамсоягӣ ва ҳамкории стратегӣ моил боқӣ мемонад

Аз ҷониби Ӯзбекистон татбиқ намудани сиёсати сулҳхоҳонаи хориҷӣ, инчунин эътирофи принсипи якпорчагии ҳудудии давлатҳо дар қатори принсипҳои баробарии мустақили давлатҳо, ба кор набурдани қувва ва ё таҳдиди нерӯӣ боз ҳам мақоми мамлакатамонро чун шарики боэътимод, ба ғояҳои ҳуқуқи байналхалқии эътирофгардида содиқ баланд мебардорад.

Сенаторон таъкид намуданд, ки «яхи бисту панҷсоларо об кардан» байни мо ва ҳамсоягонамон осон набуд, ин иродаи зиёди сиёсӣ ва меҳнати калон тақозо намуд, аз ҳисоби ҳалли мушкилоти сарҳадии сисола танҳо бо Қирғизистони бародарӣ беш аз 2 миллион аҳолии водӣ ба равуои озод ва муошират бо қарибон ва хешовандон имконият ба даст оварданд.

### Таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон ба сифати вазифаи олии давлат муайян мегардад

Дар лоиҳа таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон чун вазифаи олии давлат ҷойгир карда шудааст. Сенаторон таъкид карданд, ки ин меъёр дар тамоми мӯҳтавои Конститутсия таҷассум гаштааст. Аз он ҷумла, зикр шудааст, ки ҳуқуқ ва озодии инсон моҳияти қонунҳо, фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони соҳибмансаби онро муайян менамоянд.

Ҳамзамон норавшании байни инсон бо мақомоти давлатӣ ба фоидаи инсон талқин мегардад, чораҳои таъсироти ҳуқуқӣ бояд ба принсипи мутаносибӣ ва кифоя будан барои дастрасӣ ба мақсадҳои қонунӣ асоснок гардад.

Ин тартибот афзалияти ҳуқуқи инсонро таъмин намуда, масъулияти мақомоти давлатиро зимни иҷрои вазифаҳои худ бо риоя намудани ҳуқуқи инсон баланд мебардорад, корбурди чораҳои барзиёди таъсири ҳуқуқиро нисбати инсон бартараф месозад.

Дар лоиҳа бинобар принсипи «инсон – ҷамъият – давлат» қариб 3,5 баробар меъёрҳое зиёд мегарданд, ки ба ҳуқуқи инсон иртибот доранд. Аз он ҷумла, меъёре ворид карда мешавад, ки кафолати дахолатнопазирии шахсият дар мурофиаи ҷиноӣ замонат дода мешавад, ки ҳар кас барои озодӣ ва дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, барои мукотибаи пӯшида, гуфтугӯҳои телефонӣ, равобит аз тариқи почта, паёмҳои электронӣ ва ғайра ҳуқуқ дорад, маҳдуд сохтани ин ҳуқуқ дар асоси қарори суд роҳ дода мешавад.

Бори нахуст дар дараҷаи Конститутсия мустаҳкам карда мешавад, ки давлат барои дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии ҷаҳонии Интернет шароит фароҳам меорад.

### Нишонаҳои давлати иҷтимоие, ки ба принсипи адолати иҷтимоӣ ва ҳамбастагӣ мунҷар гаштааст, таҷассум ёфтааст

Таъкид гардид, ки чун давлати иҷтимоӣ муайянгардидаи Ӯзбекистон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аз ин баъд сиёсати бартариноки давлат ба дастгирии қишрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ беҳимоя ва ё камтаъмин, таълим, тандурустӣ, хидмати иҷтимоӣ ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ дар ҷамъият нигаронда хоҳад шуд.

Дар Конститутсия меъёрҳое, ки ба ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат иртибот доранд, аз он ҷумла муқаррар мегардад, ки давлат чандин ӯҳдадории навро доир ба коҳиши қашшоқӣ, таъмини шуғл, ҳимоя аз бекорӣ ба зимма мегирад, се баробар зиёд карда шудааст.

Зимни муҳокима таъкид шуд, ки давлат ӯҳдадории ба вуҷуд овардани шароитро барои комилан истифода намудани объектҳо ва хидматрасонии соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании шахсони ногиро, ҳамдастӣ ба таъмини шуғли онҳо ва гирифтани таълим, баланд бардоштани сифати ҳаёти тоифаи аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ заиф, ки инчунин барои давлати иҷтимоӣ хос мебошад, ба зиммаи худ мегирад.

Мустаҳкам карда мешавад, ки ҳар кас барои манзил ҳуқуқ дорад, давлат барои рағбатнок намудани сохтмони манзил ва ба вуҷуд овардани шароит барои татбиқи ҳуқуқ барои дарёфти манзил ӯҳдадор аст.

Сенаторон таъкид карданд, ки соли гузашта дар мамлакатамон шароит барои дарёфти 50 ҳазор квартираи нав барои оилаҳо шароит ба вуҷуд оварда, соли ҷорӣ бо манзил таъмин намудани 90 ҳазор, дар тӯли 2-3 сол 200 ҳазор оила ба нақша гирифта шудааст. Меъёри мазкури конститутсионӣ кафолати дарёфти ин мақсадҳо ва идома додани кор дар ин самт ба шумор меравад.

### Пояҳои конститутсионии ҳимояи тандурустии аҳолӣ мустаҳкам мегардад

Дар ҷамъомад ба он чиз эътибори алоҳида нигаронда шуд, ки дар лоиҳа меъёрҳое, ки аз он ҷумла бо ҳифзи саломатии аҳолӣ иртибот дорад, чор баробар зиёд гардида, аз он ҷумла бори аввал дар дараҷаи Конститутсия ҳуқуқи ҳар кас барои ҳифзи саломатӣ ва хидмати бомалакаи тиббӣ мустаҳкам карда шудааст.

Таъкид шуд, ки давлат вазифаи бепул расондани баъзе хидматҳои тиббӣ ба аҳолиро ба зимма мегирад. Соли 2023 «Пакети хидматҳои кафолатнок» таҷдиди назар гардида, ҳаҷми хидматҳои ташхисгузорӣ, муолиҷаву профилактикаи 20 намуди беморӣ пурра фаро гирифта шуда, таҳлилҳои ибтидоии бепул аз рӯи 20 намуди бемории паҳнгардида аз 15 то 25, муоина аз 10 то 20, воситаҳои доруворӣ аз 64 то 90 зиёд карда мешавад.

### Ҳуқуқи дарёфти таълим ва муаллимон – зери ҳимояи Конститутсия

Бори аввал дар лоиҳа низом дар бораи пешниҳод намудани озодии академӣ ба ташкилотҳои таълими олӣ, дастгирии ташкилотҳои таълимии ғайридавлатӣ ҷойгир карда шуданд.

Конститутсияи таҳрири нав дарёфти таълими олии бепулро аз ҳисоби давлат дар асоси озмун кафолат медиҳад. Сенаторон махсус таъкид карданд, ки то соли 2017 миқдори грантҳои давлатӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии олӣ фақат кам мегардиданд, дар шаш соли охир бошад, вазъият дар ин масъала комилан тағйир ёфта, миқдори грантҳо ду баробар афзуда, ба 40 ҳазор расид.

Сенаторон махсус таъкид карданд, ки дар ин меъёрҳо низомҳои муҳиме, ки ба фароҳам овардани шароит барои фаро гирифтани касбҳои замонавӣ аз ҷониби насли наврас, дарёфти маълумоти олӣ, рушди босуботи низоми таълим мустаҳкам карда шудааст.

Ҳамзамон ташкили таълим ва тарбияи инклюзив дар ташкилотҳои таълимӣ барои бачаҳои талабашон махсус, роҳандозии таълими онҳо дар тамоми мактабҳои таълими ҳамагонӣ дар амал татбиқ намудани принсипи қадри инсон дар Ӯзбекистони Нав ба шумор меравад.

Дар лоиҳа инчунин таъкид мегардад, ки давлат барои инкишофи таълим ва тарбияи томактабӣ шароит фароҳам меорад, таълими ибтидоии касбӣ бепул ба шумор меравад. Зимни муҳокима таъкид шуд, ки дар шаш соли охир бо кӯдакистон фаро гирифтани кӯдакон аз 27 фоиз то 70 фоиз зиёд гардид, ба Конститутсия меъёрҳои наве дохил мегарданд, ки ин барои ба мақсадҳои нав расидан дар ин самт имконият фароҳам меорад.

Сенаторон меъёрро дар бораи ҳимояи шараф ва қадри муаллимон, таъмини фароҳмандии иҷтимоӣ ва моддии онҳо, ғамхорӣ дар бораи рушди касбии онҳоро алоҳида таъкид карданд. Дар ҷамъомад зикр шуд, ки меъёри мазкур корҳои дар шаш соли гузашта доир ба баланд бардоштани аҳамияти муаллим, нуфуз ва мақоми онро мустаҳкам менамояд ва барои минбаъд баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ ва обрӯи муаллим дар ҷамъият мусоидат мекунад.

### Барои манъи меҳнати маҷбурӣ кафолати конститутсионӣ муқаррар мегардад

Меҳнати маҷбурӣ пурра решакан гардид, ки солҳои зиёд дар ҷамъиятамон мушкилоти калон буд ва ба обрӯи байналхалқии мамлакатамон таъсири манфӣ дошт. Натиҷаи амалии корамон дар ин самт соли 2022 бекор гардидани манъи эътилофи байналхалқии «Cotton Campaign» «таҳрими пахта» буд, ки аз соли 2009 барои шаъни мамлакатамон доғ гардида буд.

Сенаторон таъкид намуданд, ки бевосита дар Қонуни асосӣ мустаҳкам намудани манъи ҳар гуна меҳнати бачагон, ки ба рушди мутаносиби кӯдакон таъсири манфӣ дорад, кафолати он мегардад, ки ин иллат ба моли таърих табдил меёбад.

(Давомаш дар саҳ.3).



*Аъзои гурӯҳи кории ҷумҳурӣ иборат аз роҳбарони вазорату идораҳо дар ноҳияҳои Ёзёвон, Данғара, Олтиариқ ва Фарғона, муаммоҳои аҳолӣ ва аҳволи иҷтимоиро омӯхтанд.*

*Дар ҷараён дар маҳаллаи Қарасақоли ноҳияи Ёзёвон азназаргузаронии амиқи тиббӣ ташкил карда шуд. Ба он мутахассисони тамоми марказҳои ихтисосондашудаи тиббии вилояти Фарғона ҷалб карда шуданд. Дар доираи чорабинӣ бо иштироки мудири шуъбаи прокуратураи вилоят О. Собиров ва прокурори ноҳияи Ёзёвон, роҳбари сектори 2-юм И. Хӯҷаев ва кумаки ходимони тиббии маҳаллӣ дар хонадонҳо аз ҳоли беморон хабар гирифтанд. Бо мақсади баланд бардоштани маданияти тиббии аҳолӣ ва пешгирии касалиҳо дар мавзӯъҳои «Касалиҳое, ки гузаранда нестанд ва профилактикаи онҳо», «Фаъолияти ҷисмонӣ ва аҳамияти он» корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ пеш бурда шуданд.*

***Дар сурат:** азназаргузаронии тиббӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).***

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ҶАМЪОМАДИ ФАВҚУЛОДАИ ТАШКИЛОТИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ ИШТИРОК МЕНАМОЯД

***Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Тойип Эрдуғон Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 15-16 март бо ташрифи корӣ аз шаҳри Анқара барои иштирок дар ҷамъомади фавқулодаи Ташкилоти давлатҳои туркӣ боздид ба амал меорад.***

Бинобар рӯзномаи маҷлиси ҳамоиши ғайринавбатӣ истиқболи рушди ҳамкории бисёрҷониба ҷиҳати идораи вазъиятҳои фавқулода ва кумаки инсонпарварӣ, инчунин танзими кӯшишҳо дар бобати огоҳӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ҳодисаҳои фалокатовар баррасӣ мегардад.

Ғайр аз ин бинобар масъалаҳои муҳими байналхалқӣ ва минтақавӣ табодули афкор ба амал мепайвандад.

Бинобар барномаи боздид инчунин чандин мулоқоти дуҷониба дар доираи ҳамоиш пешбинӣ мегардад.

Бояд таъкид кард, ки соли ҷорӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ташкилоти давлатҳои туркӣ раисӣ менамояд. Бинобар шартномаи ҳамоиши Самарқанд татбиқи беш аз 30 чорабинии бисёрҷонибае, ки ба минбаъд вусъат додани ҳамкории ҷонибҳо дар соҳаҳои савдо, иқтисодиёти сабз, сармоягузорӣ, инноватсия, нақлиёт, логистика, илм, таълим ва табодули маданиву гуманитарӣ нигаронда шудааст, идома дорад.

**ӮзА.**

***Дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз дар саросари кишвар марафони оммавии давидани «Нафаси тоза» гузаронида шуд. Мусобиқа дар шаҳри Самарқанд низ хубу хотирмон баргузор гардид.***

## ҒОЛИБОНИ МУСОБИҚАИ «НАФАСИ ТОЗА» МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Дар мусобиқа, ки дар Маркази байналмилалии сайёҳии «Роҳи бузурги абрешим» таҳти шиори «Дар як Ватан, дар як вақт, ба як масофа, бо як мақсад, якҷоя медавем!» гузаронида шуд, қариб 8000 нафар иштирок карданд.

Иштирокдорон 3 километр масофаро тай карданд.

Дар баҳси миёни мардон варзишгари ҳаваскори иштихонӣ Сироҷ Равшанов пирӯзиро ба даст овард. Ҷойи дуюм ба варзишгари оқдарёӣ Учқун Аҳтамов ва ҷойи сеюм ба Шербек Ҳайитови пастдарғомӣ насиб кард.

Дар баҳсҳо миёни духтарон варзишгарони пастдарғомӣ Зӯҳро Қурбонова, Фарангис Алимова ва Элноза Маҳмараимова ҷойҳои ифтихориро ба даст оварданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## ҶАВОНОНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР САМАРҚАНД ҶАМЪ ОМАДАНД

***Дар шаҳри Самарқанд Форуми дӯстӣ ва ҳамсоягии мустаҳками ҷавонони Осиёи Марказӣ кори худро оғоз кард.***

Форум аз тарафи консорсиум таҳти роҳбарии Фонди ба номи Конрад Аденауэр якҷоя бо се шарики миллӣ – Ҷунбиши умумимиллии «Юксалиш»-и Ӯзбекистон, Ҳаракати экологии «BIOM»-и Қирғизистон ва Ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт»-и Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи «Муколамаи бисёрҷонибаи транссарҳадӣ барои таҳаммулпазирӣ ва сулҳ дар Осиёи Марказӣ» ташкил гардид.

Беш аз сад нафар ҷавонон аз давлатҳои Осиё ва намояндагони ташкилотҳои ҷамоатӣ иштирокдорони тадбир ҳастанд.

– Мулоқот ва ҳамкории бисёрҷонибаи фаромарзӣ дар байни Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, бо мақсади пешбурди таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, пешгирии тундгароӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, инчунин ба таҳкими неруи ҷомеаи шаҳрвандии минтақаҳои наздисарҳадии се мамлакат равона гардидааст, – гуфт раиси «Юксалиш» Б. Бекмуродов. – Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ, бахусус ҷавонон, дар бораи аҳамияти ҳамдигарфаҳмӣ бо мақсади пешгирӣ намудани рафтори номатлуб, радикализм, дастгирии шаклҳои гуногуни муколамаи байнисарҳадӣ ва байнисоҳавӣ дар минтақаҳои назди сарҳадии Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон низ аз мақсадҳои асосии лоиҳа ба ҳисоб меравад.

**Ф. ЮЛДОШЕВ.**

*САМАРҚАНД.*

## 3000 ҶОЙИ КОРИ ХОЛӢ ПЕШКАШИ ШАҲРВАНДОН ГАРДИД

***Дар ярмаркаи меҳнат, ки ҳокимияти вилоят, прокуратура ва Сарсадорати коҳиш додани камбизоатӣ ва шуғли вилоят гузаронд, 183 корхона, ташкилот ва муассисаҳо бо қариб 3000 ҷойи кори холӣ иштирок карданд.***

– Дар ин ярмарка 10 корхонаи ноҳияи мо бо 510 ҷойи кори холӣ ширкат варзиданд, — гуфт сарвари шӯъбаи маркази таъмини шуғли аҳолии ноҳияи Ургут Баҳодур Шарофов. — Музди миёнаи моҳонаи корҳое, ки корхонаву ташкилотҳо пешниҳод мекунанд, аз 1 миллиону 800 ҳазор сӯм то 4 миллион сӯмро ташкил медиҳад. Албатта, корфармоён ба коргароне, ки дар даст касб доранд, эътибори махсус медиҳанд. Масалан, ба Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Sam Ferre» барои корҳо, аз қабили кафшергар, челонгар, боркашон 150 коргар лозим аст. Музди пешниҳодшуда аз 1 миллиону 800 ҳазор сӯм то 8 миллион сӯмро ташкил мекунад. Бино ба маълумоти хидмати матбуоти Сарсадорати коҳиш додани камбизоатӣ ва шуғл дар соли 2023 таъмини шуғли 451,6 нафар шаҳрванд дар назар аст. Аз ин шумора 165,8 ҳазор шаҳрванд бо кори доимӣ, 203 400 нафар мавсимӣ ва 82 400 нафар бо кори ғайрирасмӣ таъмин хоҳанд шуд. Инчунин, ба 13 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор касбу ҳунар омӯзонида мешавад. Дар рафти ярмарка ба 268 нафар шаҳрванд ба кор роҳхат доданд. 183 нафари онҳо бо кори доимӣ таъмин гардида, 41 нафар ба омӯзиши касбу ҳунар ва 44 нафар ба корҳои ҷамъиятии музднок фиристода шуданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ДУ ХАЛҚИ АЗ АЗАЛ ЁРУ БАРОДАР ТОҶИКУ ЎЗБЕК!

*(Репортаж)*

Майдони васеи гузаргоҳи марзбониву гумрукии «Андархон» воқеъ дар мавзеи Собиртепаи ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона, ки бо вилояти Суғди Тоҷикистон марзҳои муштарак дорад, аз ҳаррӯза серодаму серталотум менамуд. Ҳама ҷо тозаву озода. Дар як тарафи майдон акси бузурги ду роҳбари давлат гузошта шудааст, ки ин манзараро боз ҳам ҷилои тоза мебахшид.

Духтарони либосҳои зебову идона дар бар ва дар даст гулдастаҳои тару тоза саф ороста, бо нону намак мунтазири меҳмонони тоҷикистонӣ меистоданд. Парчамҳои ду кишвар бовиқор парфишонӣ менамуданд. Дар маҷмӯъ, худи манзараи пеши назар аз ба вуқӯъ омадани як ҳодисаи хурсандибахш гувоҳӣ медод.

Садои карнаю сурнай ва дафу доира ба ҳаво хест. Мизбонон тахти раёсати ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров ба истиқболи меҳмонони тоҷикистонӣ шитофтанд, ки бо роҳбарии раиси ҳукумати вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода вориди ин майдон мешуданд. Онҳо гарму ҷӯшон пазироӣ ва барояшон гулдастаҳои тару тоза тақдим мегардид.

Тибқи таомули меҳмоннавозӣ аъзои ин ҳайат аввал аз нону намак чашида, баъд якҷо бо мизбонон ба маҷлисгоҳ роҳ пеш гирифтанд, ки бо шиору плакатҳои гуногун оро ёфтаву дӯстиву рафоқати байни тоҷикону ўзбеконро равшан ҳувайдо мекард.

– Имрӯз барои мардуми ду вилоят, хусусан соҳибкорону тоҷирон рӯзи фаромӯшнопазир аст. Дарояндаи наздик дар ин майдони васеъ маркази тиҷоратӣ ва логистикӣ бунёд мегардад, ки ба минтақаи озоди иқтисодии «Қӯқанд» марбут мебошад. Ҳоло бо ширкати дӯстони тоҷикистонии худ нахустин санги таҳкурсии бинои ин марказро мегузорем, – гуфт Хайрулло Бозоров.

– Майдоне, ки барои сохтмони маркази тиҷоратӣ ва логистика ҷудо карда шудааст, панҷ гектарро ташкил мекунад. Инчунин барои бунёди он 86 миллиард сӯм ё муодули 7,8 миллион доллари ИМА ихтисос дода шудааст. Дар ин марказ ё онро метавон маҷмааи савдо номид, 200 нуқтаи тиҷорат, меҳмонхона, банк, маркази логистика ва қаҳвахона-тарабхонаи замонавӣ ва муҷаҳҳаз қомат хоҳанд афрохт, – тазаккур дод Хайрулло Бозоров.

Аз тарафи ҳокими вилоят боз ҳамин нукта таъкид гардид, ки мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани ин маҷмааи савдову логистика ҳудуди ҳазор нафар аҳолии маҳаллиро бо ҷои кори доимӣ таъмин мекунад.

– Ба шарофати иродаи сиёсии ду абармарди бузург – Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ўзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев тамоми роҳҳо ба мардумони мо кушода шуданд ва ҳоло дар ин ҷо ҳузур доштани мо низ бар ҳамин асос сурат мегирад. Мо аз қадим як мардуме ҳастем, ки ба ду забон ҳарф мезанем. Ҷои шакк нест, ки ин маркази тиҷоратӣ ва логистикӣ дар густариши робитаҳои мо боз такони хубе хоҳад дод, – изҳор намуд раиси ҳукумати вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода.

Ба дунболи суханронӣ мавсуф аз хидматҳои калони сафири Тоҷикистон дар Ўзбекистон ҷаноби Абдуҷаббор Раҳмонзода ёдовар шуд ва афзуд, ки вай барои тавсеаи ин робитаҳо талоши зиёд ба харҷ медиҳад. Р.Аҳмадзода боз гуфт, ки соли 2023 Соли рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии байни ду вилоят – Суғд ва Фарғона хоҳад шуд.

Вақте ки навбати сухан ба сафири Фавқулода ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода расид, вай бо қироати чанд байт аз ашъори адибон лаб ба сухан боз намуд, ки ба тараннуми дӯстии ду халқи бародар бахшида шудаанд:

*– Ду халқи аз азал ёру бародар*
*тоҷику ўзбек!*
*Ду қавми босаодат, покгавҳар*
*тоҷику ўзбек!*
*Зи Ҷомию Навоӣ реша дорад*
*дӯстии мо,*
*Ду ҳамтақдиру ҳамдил,*
*шеърпарвар тоҷику ўзбек!*

Вай дар идома зикр кард, ки иқтидори ҳамкориҳои Тоҷикистону Ўзбекистон хеле бузург аст, аммо ин иқтидор ҳанӯз пурра истифода нашудааст. Тоҷикистон муносибатҳои наздику дӯстона бо Ўзбекистонро хеле қадр мекунад ва месазад, ки ин имкониятҳо пурсамар корбаст шаванд.

– Бо шарофати саъю кӯшиши муштараки ду давлат муомилоти мол дар зарфи панҷ соли охир 7,5 баробар афзудааст. Танҳо дар соли 2022 ҳаҷми муомилоти моли миёни Тоҷикистону Ўзбекистон беш аз 600 миллион долларро ташкил намуд. Дар ин росто ҷузъи муҳими ҳамкориҳои мо аз тиҷорат ва сармоягузорӣ иборат мебошад. Аз ин рӯ, ибтикори бунёди «Минтақаи тиҷорат ва логистика» дар минтақаи наздимарзӣ иқдоми саривақтӣ ва муҳим мебошад. Умедворем, ки натоиҷи он самари калони худро хоҳад дод ва ин объект ба ҳайси як катализатор дар татбиқи лоиҳаҳои гуногун, дарёфту густариши самтҳои нави ҳамкорӣ ва умуман афзоиши иқтидори иқтисодии кишварҳои мо хидмат мекунад, – тазаккур дод Раҳмонзода.

Суруду таронаҳои ҷаззобу дилписанди Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Тӯлқин Тоҷибоев, Ҳунарпешаи шоистаи Ўзбекистон Валиҷон Қодиров ва боз чанде аз овозхонҳои маъруфи ду вилояти ҳамҷавор дар партави рақсҳои дилошуби раққосони моҳир ба ин маросим шукӯҳи бештар мебахшид.

Дар поёни маросим Раҷаббой Аҳмадзода бо камоли майл аз ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров даъват намуд, ки ҳамроҳи гурӯҳи соҳибкорон ба вилояти Суғд ташриф оварад ва дар таҷлили иди Наврӯз ширкат кунад. Мизбонону меҳмонон ҳамон гуна дар фазои дӯстиву рафоқат ва ҳамгироӣ бо ҳамдигар хайрухуш намуданд.

Ногуфта намонад, ки бо вуҷуди роҳандозии ин маросим дар майдони гузаргоҳи «Андархон» шаҳрвандони ду кишвар бидуни монеа ин гузаргоҳро убур мекарданд ва гоҳ-гоҳ таваққуф намуда, ин манзараи дилфиребро тамошо мекарданд. Парчамҳои ду кишвар ҳамоно аз насими форам неру гирифта, алвонҷ мехӯрданд ва парфишонӣ мекарданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# СЕМИНАР-ТРЕНИНГ ДАР МАВЗӮИ МУҲИМ

***Дар Қасри симпозиумҳои пойтахт бо иштироки вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ аз рӯи фаҳмонидани мазмуну моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ ва референдуме, ки дар пеш истодааст, семинар-тренинг баргузор гардид.***

Маърӯзаи котиби матбуоти Комиссияи марказии интихобот Худоёр Маматов ва як қатор экспертҳо доири мавзӯъ шунида шуд. Қайд гардид, қонуни Ўзбекистон дар бораи Конститутсияи нав қабул шуд, ки он дар референдуми умумихалқӣ ба овоз гузошта мешавад. Референдум (раъйпурсӣ) 30 апрели соли равон баргузор хоҳад гашт.

Дар бюллетени референдум ин тавр сабт ёфтааст: «Шумо қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистонро қабул менамоед?»

Ҳаминро набояд фаромӯш кард, ки танҳо таҳрири нав қабул карда шуда, рӯзи қабул шудани Конститутсия – 8 декабр ба сифати умумихалқӣ чун пештара боқӣ мемонад.

Мувофиқи таҳрири нав миқдори моддаҳои конститутсионӣ аз 128-тои ҳозира ба 155-то, меъёрҳо дар он аз 275-то то 434-то расонда шудааст. Аз 128 модда ба 91-тояш дигаргуниҳои консептуалӣ ворид мегарданд.

Дар қатори дигаргуниҳо аз 5 сол ба 7 сол дароз кардани муддати президентӣ, аз 100 ба 65 нафар фуровардани сенаторҳо, давлати иҷтимоӣ эълон намудани Ўзбекистон, аз ҳамдигар ҷудо сохтани ваколатҳои шӯроҳои маҳаллӣ ва ҳокимон ва ғайра ҷой гирифтаанд.

Ҳаминро низ хотиррасон карданием, оиди ислоҳоти конститутсионӣ Президент Ш.Мирзиёев моҳи ноябри соли 2021 дар нутқи худ эълон намуда буд. Ҷараёнҳои навсозии конститутсионӣ аз моҳи майи соли 2022 оғоз ёфт. Тахти раисии депутат Акмал Саидов Комиссияи конститутсионӣ кор гирифта бурд.

Дигаргуниҳо вобаста ба фаъолияти ВАО низ ба назар мерасанд. Дар моддаи 33-юм қайд ёфтааст: «Ҳар кас ба ҳуқуқи фикр кардан, озодии сухан ва эътиқод молик аст. Ҳар кас ҳуқуқ дорад ахбори дилхоҳашро ҷӯяд, гирад ва паҳн намояд».

Давлат барои таъминоти истифодабарӣ аз нуқтаҳои иттилооти ҷаҳонии интернет шарт ва шароитҳо меофарад. Маҳдудкунӣ аз ҳуқуқи ҷустуҷӯ, гирифтан ва паҳн кардани ахбор танҳо мувофиқ ба қонун амалӣ хоҳад гашт.

Дар мавриди озодии сухан ва матбуот, зимнан, эҳтиром ва ҳифз намудани сохтори конститутсионӣ, саломатии аҳолӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, таъмини амнияти ҷамоатӣ аҳамияти алоҳида касб менамояд. Ин иқдом, айни замон, бо мақсади пешгирии ошкоршавии сирҳои давлатӣ ё дигар сирҳое, ки тахти муҳофизати қонун аст, гузошта мешавад.

Дар поёни семинар-тренинг намояндагони ВАО доири мазмуну моҳияти ислоҳоти конститутсионӣ ва тартиби маъракаи муҳими сиёсӣ – раъйпурсӣ, ки пеш истодааст, ба мутахассису масъулон саволҳо доданд ва ҷавобҳо гирифтанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

## ҒОЛИБ – ЧАПАНДОЗОНИ БУХОРО

***Дар арафаи Наврӯзи навбаҳорон дар авули Узунқудуқи ноҳияи Учқудуқи вилояти Навоӣ байни чапандозон бузкашӣ ба амал омад.***

Дар қувваозмоиҳо зиёда аз сад нафар асптозони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳои Андиҷон, Бухоро, Самарқанд, Навоӣ иштирок карданд. Ғолибони мусобиқа бо уштур, асп, гӯсфанд, овезаи тиллоӣ ва пул тақдир ёфтанд.

Мукофоти асосӣ – уштури сурх ба чапандозони вилояти Бухоро насиб кард.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Оё медонед?*

# РАЪЙПУРСӢ ЧИСТ?

Раъйпурсӣ (Референдум)-и Ҷумҳурии Ўзбекистон ба мақсади бинобар масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъият ва давлат қабул кардани қонунҳо ва қарорҳои дигари Ҷумҳурии Ўзбекистон овоздиҳии умумихалқии шаҳрвандон мебошад.

Раъйпурсӣ ҳамчун интихобот ифодаи бевоситаи иродаи халқ ба шумор меравад.

Қарорҳое, ки дар раъйпурсӣ қабул шудаанд, иқтидори олии ҳуқуқӣ доранд.

Агар дар қарорҳое, ки аз тариқи раъйпурсӣ қабул шудаанд, тартиби дигар дар назар дошта нашуда бошад, қарорҳое, ки дар раъйпурсӣ қабул гардидаанд, фақат аз тариқи раъйпурсӣ бекор карда мешаванд ё худ ба онҳо тағйирот ворид кардан мумкин аст.

**Ба раъйпурсӣ киҳо барои иштирок кардан ҳуқуқ доранд?**

Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки то рӯзи баргузории раъйпурсӣ ё дар рӯзи раъйпурсӣ синни ҳаждаҳро пур кардааст, ҳуқуқи дар он иштирок карданро дорад.

Шаҳрванди Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Ўзбекистон истиқомат мекунад, ё худ ҳузур дорад, барои иштирок дар раъйпурсӣ ҳуқуқи комил дорад.

Шахсоне, ки аз ҷониби суд ба муомила ноқобил дониста шудаанд, ҳамчунин онҳое, ки ҷиноятҳои вазнин ва бағоят вазнин содир карда, бинобар ҳукми суд аз озодӣ маҳрум гаштаанд ва дар муассисаҳои ҷазодиҳӣ нигоҳ дошта мешаванд, аз ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ маҳрум мебошанд.

Бо назардошти баромади иҷтимоӣ ва мавқеи мулкдорӣ, мансубияти ирқӣ ва миллӣ, ҷинс, маълумот, забон ва муносибаташ ба дин, ҳелҳои машғулият ва хусусиятҳои он аз ҳуқуқи иштироки бевосита ё худ билвосита ба раъйпурсӣ маҳрум кардани шаҳрвандон манъ карда мешавад.

**Тартиби ташкил кардани ҳавзаҳои раъйпурсӣ чӣ гуна аст?**

Ҳавзаҳои раъйпурсӣ аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд созмон дода мешаванд.

Миқдори шаҳрвандоне, ки дар раъйпурсии ҳавзаҳои раъйпурсӣ ҳуқуқи иштирок кардан доранд ва рӯйхати ҷойи ҷойгиршавии комиссияҳои округии баргузоркунандаи раъйпурсӣ баъд аз эълон шудани қарор дар бораи таъин намудани рӯзи раъйпурсӣ то муддати панҷ рӯз аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон эълон карда мешавад.

**Тартиби ба рӯйхатгирии шаҳрвандоне, ки овоз медиҳанд, чӣ гуна аст?**

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсиро доранд ва дар замони тартиб додани рӯйхат дар қитъаи мазкури раъйпурсӣ ба тарзи доимӣ ё худ муваққатан истиқомат мекунанд, ба рӯйхат ворид карда мешаванд.

Дар рӯйхат ному насаб, номи падар, санаи таваллуд ва манзили буду боши ҳар як шаҳрванде, ки ба рӯйхат ҳамчун овоздиҳанда ворид гардидааст, сабт карда мешавад.

Ҳар як шаҳрванди овоздиҳанда фақат ба як рӯйхат дохил карда шуданаш мумкин аст.

Рӯйхати шаҳрвандоне, ки овоз медиҳанд, дар асоси рӯйхати ягонаи электронии интихобкунандагони Ҷумҳурии Ўзбекистон тартиб дода мешавад.

**Вақт ва ҷойи овоздиҳӣ ба раъйпурсӣ.**

Овоздиҳӣ дар рӯзи раъйпурсӣ аз соати 8.00 то 20.00 гузаронида мешавад. Комиссияи қитъавӣ шаҳрвандонро бо ҷойи овоздиҳӣ ва вақти он камаш даҳ рӯз пеш аз баргузории раъйпурсӣ хабардор мекунад.

Комиссияи қитъавии дар ҳузури сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Ўзбекистон дар давлатҳои хориҷӣ ва ваколатхонаҳои дигар, қисмҳои ҳарбӣ, санаторияҳо, хонаҳои истироҳатӣ, касалхонаҳо ва дигар муассисаҳои табобатии статсионарӣ, ҳамчунин дар ҷойҳои дур ва душворгузар ташкил гардида, агар тамоми шаҳрвандони ба рӯйхат гирифташуда овоз дода бошанд, аз хусуси ба охир расидани овоздиҳӣ метавонад дар вақти хостааш аз ин хусус эълон кунад.

**Тартиби овоздиҳӣ ба раъйпурсӣ чӣ тарз аст?**

Бюллетени овоздиҳӣ ба референдум аз ҷониби овоздиҳанда дар кабина ё худ хонаи махсуси овоздиҳӣ ба тарзи хуфиёна пур карда мешавад. Дар вақти пур кардани бюллетени овоздиҳӣ ғайр аз овоздиҳанда иштироки шахсони дигар манъ карда мешавад. Шаҳрвандоне, ки имкони мустақилона пур кардани бюллетенро надоранд, ҳақ доранд мувофиқи хоҳиши худашон аз ҷумлаи шахсон ва нозироне, ки ба ҳайати комиссияи раъйпурсӣ дохил мебошанд, нафареро ба ин кабина ё худ хонаи махсус таклиф кунанд.

Агар шаҳрвандон ба масъалаи дар раъйпурсӣ гузошташуда муқобил бошанд, матни таърифи масъаларо хат мезананд, агар ҷонибдори масъала бошанд, онро кӯр намекунанд.

Бюллетени пуркардашударо шаҳрванд ба қуттии овоздиҳӣ мепартояд. Қуттиҳои овоздиҳӣ бояд ба аъзои комиссияи қитъаи раъйпурсӣ ва нозирони он намудор бошанд. Бюллетени овоздиҳие, ки вайрон шудааст, мувофиқи хоҳиши шаҳрванд метавонад бо наваш иваз карда шавад. Бюллетенҳои овоздиҳие, ки вайрон шудаанд, бояд ба ҳисоб гирифта, бекор карда ва алоҳида нигоҳ дошта шаванд.

**Раъйпурсии имсола кай мегузарад ва ба Конститутсия чанд моддаи нав ворид мешаванд?**

Қонун дар бораи таҳрири нави Конститутсия бо 132 овоз қабул карда шуд. Раъйпурсӣ дар бораи Қонун оид ба таҳрири нави лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ рӯзи **якшанбе, 30 апрели соли 2023** гузаронида мешавад.

Дар бюллетени раъйпурсӣ: **«Шумо оё қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистонро дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон қабул мекунед?»** навишта мешавад.

Бо лоиҳаи қонуни конститутсионӣ ба Конститутсия 27 моддаи нав ворид карда мешаванд, миқдори моддаҳо аз 128 ба 155 адад зиёд мешавад, 275 меъёри Конститутсияи дарамал ба 434 адад меафзояд, яъне Конститутсияи дарамали мо 65 фоиз нав мешавад.

Конститутсияи нав барои дар маҷмӯъ ба тартиб андохтани тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъияти мо, ҳамчунин дар роҳи рушди демократии кишварамон ба сифати пойдевори муҳимтарини ҳуқуқӣ хидмат хоҳад кард. Меъёрҳои наве, ки ба лоиҳаи қонуни конститутсиявӣ ворид карда шудаанд, барои пешрафти тамоми соҳаҳо, аз ҷумла сохтори беш аз пеш самарабахши ҳокимияти давлатӣ кумак мерасонанд.

**Абдуманноп БӮРИЕВ,**
**роҳбари Садорати адлияи вилояти Фарғона.**

## ХАБАРҲО

### КОМИССАРИ ОЛИИ СММ ДАР ТОШКАНД

***Иҷрокунандаи вазифаи вазири корҳои хориҷии Ўзбекистон Бахтиёр Саидов Комиссари олии Созмони Милали Муттаҳид оиди ҳуқуқи инсон Волкер Туркро қабул намуд.***

Дар вохӯрӣ оиди ислоҳоти конститутсионӣ, ки дар Ўзбекистон оғоз гардидааст, сухан ба миён омад.

Комиссари олӣ дар Ўзбекистон се рӯз меистад. Дар ин байн ташрифи ӯ ба як қатор вазорату идораҳо, вохӯрӣ ва музокираҳояш бо намояндагони ҷамъияти шаҳрвандӣ ба нақша даромадааст.

### ҶАЗО БА ДУЗДОНИ БАРҚУ ГАЗУ ОБ

***Яке аз корҳои ношоиста, ки аз ҷониби баъзе шаҳрвандонамон содир мешавад, тороҷ намудани барқ, газ ва об барин неъматҳои табиист. Аз ҳама бадаш, зумрае дидаву дониста, бо мақсади қонеъ сохтани эҳтиёҷи моддӣ ба ин роҳ мегузоранд.***

Назар ба маълумоти Вазорати адлия, минбаъд нисбати ин гуна ашхос чораҳои қатъӣ андешида мешавад. Баробари қонун дар ин бобат ба Кодекс оиди ҷавобгарии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноӣ иловаю дигаргуниҳо ворид карда шуданд. Акнун шахсоне, ки аз барқ, газ ва об бо мақсади тиҷорат худсарона истифода мебаранд, ба ҳисобкунакҳо, аз ҷумла, пломбаҳо қасдан шикаст мерасонанд, ба нишондиҳандаҳо дигаргунӣ ворид месозанд, ҳамчун қонуншикан то панҷ сол аз озодӣ маҳрум карда шуданашон мумкин.

Айни замон, назар ба иловае, ки ба Кодекс оиди ҷавобгарии маъмурӣ дохил карда шудааст, ба шахсе, ки қонуншиканиро ба миқдори кам содир намуд, аз 10 то 20 баробари МҲБ (аз 3 миллион то 6 миллион сӯм) ҷарима ё худ то 15 шабонарӯз ҳабси маъмурӣ муқаррар карда мешавад.

### ОВОЗХОНЕ, КИ АЗ ФОНОГРАММА ИСТИФОДА НАМЕКУНАД

***Овозхон Хуршед Расулов зодаи Қӯқанд мебошад. Вай сӣ сол қабл аз ин бори аввал барномаи калони консертиашро дар стадиони марказии Сӯх бо унвони «Ҷавонӣ маро партофта меравад» пешкаши мухлисони савту наво карда буд.***

Вай имрӯзҳо дар толорҳои консертии пойтахт консерт мегузорад. Чорабинии мусиқиро, ки ба 30-солагии фаъолияти эҷодии ӯ бахшида мешавад, аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя низ дӯстдорони суруд иштирокдоранд.

Як чиз характернок, ки Хуршед Расулов аз фонограмма истифода намекунад ва шояд ягона овозхонест бевосита иҷро менамояд. Бинобар ҳамин ҳаводоронаш зиёд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

### БУНЁДИ АНБОРИ ЗАХИРА ДАР ТИРМИЗ

***Чуноне ки пештар иттилоъ дода будем, дар наздикии гузаргоҳи Ҳайратон барои васеъ ба роҳ мондани соҳаи савдо, тиҷорат ва содироту воридоти маҳсулоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ ба кишварҳои Шарқ, алалхусус, Афғонистон бузургтарин маҷмӯаи савдо бунёд карда шуд.***

Кори дигаре, ки ба қарибӣ дар ин ҷо ба сомон расонида шуд бо ташаббус ва хайрхоҳии Созмони Милали Муттаҳид дар асоси дастури ҷаҳонии интиқоли маҳсулоти хӯроквори барои осон ва безарар расониданӣ кумаки башардӯстона ба Афғонистон анбори замонавӣ бунёд гардид. Ин анбор барои бо маводи хӯрокворӣ таъмин намудани 20 миллион халқи Афғонистон, ки аз камбизоатӣ азият мекашанд, хидмат менамояд. Дар айни замон тавассути Ўзбекистон ҳар рӯз зиёда аз 1000 тонна маводи хӯрокворӣ ба Афғонистон интиқол дода мешавад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**



*Дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» дар вилояти Андиҷон корҳои васеъмиқёс оиди ниҳолшинонӣ ва барпои минтақаҳои сабз пеш бурда мешаванд. Дар 100 мошин ба маҳалла ва ташкилотҳо воқеъ дар ноҳияи Избоскан бештар аз 90 ҳазор ниҳолҳои меваноку манзаравӣ ва буттаҳо дастрас гардонда шуданд.*

*Тахти роҳбарии роҳбарони секторҳо ва ҳокимон дар 63 маҳалла ва 60 ташкилоту корхона корҳо муташаккилона давом карданд. Дар ноҳияи Балиқчӣ шинондани 730 ҳазор бех ниҳолҳои меваноку манзаравӣ ба нақша даромадааст. Бо дуои пиронсолон дар канори роҳҳои калон, ҷойҳои холӣ, ки дар ихтиёри корхонаву ташкилот ва маҳаллаҳо мебошанд, аллакай наздик 250 ҳазор бех ниҳол шинонда шуд.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# КАВРАК – МАНБАИ ХУБИ ДАРОМАД

***Каврак аз ҷумлаи рустаниҳои шифобахш аст, ки ҳоло парвариши онро ҳукуматдорони маҳаллии вилояти Қашқадарё дар нақшаи кории худ ворид кардаанд.***

Парвариши он заҳмати зиёде талаб намекунад ва ба муҳити камоби қаламрав мутобиқ аст. Каврак рустаниест, ки дар дашту кӯҳсорони бепоёни Осиёи Марказӣ, аз ҷумла вилоятҳои Қашқадарё, Сурхондарё, Самарқанд ва дигар ҷойҳои иқлимаш мусоид месабзад. Мардуми қаламрав то солҳои охир аз шифобахшӣ ва як воситаи сердаромад будани он хабаре надоштанд. Аслан баъзе мардони корчаллон бо даъвати соҳибкорони афғонистонӣ ба ҷамъоварии шираи каврак пардохтанд ва аз фурӯши он даромади хубе ба даст оварданд. Аммо ин кор ба табиати ватан харобиҳо овард ва боиси эътирози барҳақи кормандони ҳифзи табиат ва муҳити зист гардид. Пас, соҳибкороне пайдо шуданд, ки парвариши кавракро дар замини наздиҳавлии худ ба роҳ монданд ва аз даромади он рӯзгори худро обод сохтанд. Ҳоло парвариши каврак дар ноҳияи Деҳқонобод ба ҳукми анъана даромада, кишоварзон дар ин бора ба таҷрибаи ғание ноил гардиданд. Акнун ҳокимияти маҳаллӣ низ хушбин аст, ки мардум ниҳоят ба шуғли нисбатан сердаромад ва муфид сару кор мегиранд. Барои омӯхтани таҷрибаи кории кавракпарварии кишоварзони Деҳқонобод семинарҳои махсусе дар сатҳи ҳукуматӣ ташкил шуда, ба ёварони ҳокимони шаҳру навоҳии вилоятҳои Бухорову Сурхондарё маълумот дода шудааст. Гуфта мешавад, ин чунин таҷрибаомӯзиҳо дар ҳоле ба роҳ монда шудаанд, ки ҳукумати ҷумҳурӣ бо раҳбарии Президент тарҳи ҷадиду густурдаи ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоиеро дар амал пиёда сохта, умедвор аст, ки рӯзгори мардуми мо рӯ ба беҳбудӣ оварад ва аҳолӣ бо корҳои нисбатан сердаромад машғул гардад. Мутахассисон дар он назаранд, ки кавракпарварӣ аз соҳаҳои сердаромад маҳсуб меёбад ва ба маҳсулоти хоме, ки аз ин рустанӣ ба даст меояд, бахши тиббиёт бештар ниёз дорад. Хоса, шираи каврак, ки бо усулҳои махсус гирифта мешавад, дар хориҷ аз кишвари мо талабгорони зиёде дорад.

Вақтҳои охир кавракпарварӣ дар ноҳияи Чироқчии вилояти Қашқадарё низ бо суръати бештаре ривоҷ ёфта, ба шуғли дӯстдоштаи баъзе аз соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои фермерӣ мубаддал мегардад. Яке аз онҳо Эшмамат Бердиеви 70-сола аст, ки дар маҳаллаи Пахтаобод зиндагӣ мекунад. Вай аз дӯстонаш дар Деҳқонобод усули парвариши кавракро омӯхта, соли 2019 4 килограмм тухмии ин растаниро бо худ ба Чироқчӣ овардааст. Вай дар 15 сотих замини назди ҳавлӣ ва дар 50 сотих замини лалмии хоҷагии фермерии худ тухмии кавракро кишт намудааст. Ҳоло кавракҳои бобои Эшмамат сабзидаву ба манбаи даромад мубаддал гаштаанд.

Эшмамат Бердиев мегӯяд, каврак ба беобиҳо тоқатпазир аст ва мисли дигар рустаниҳо оби фаровон талаб намекунад. Ҳангоми боришот об лозим нест. Моҳҳои март, май, июн ва октябр якнавбатӣ обёрӣ карда мешавад. Агар баҳор сербориш ояд, аз баҳри обёрии моҳи март низ метавон гузашт.

Бобои Эшмамат ният дорад, ки зиёдтар аз 15 ҳазор бех ниҳол ба даст оварад. 4000 бех соли равон омода мешаванд ва боқӣ солҳои 2024 ва 2025 ба фурӯш бароварда хоҳанд шуд. Гуфта мешавад, рӯзҳои охир ниҳоли каврак низ ба манбаи хуби даромад мубаддал гаштааст. То ки зудтар ҳосил ба даст ояд, шинондани ниҳолаш ба мақсад мувофиқ аст, зеро соҳибкор аз вақт бурд мекунад.

Эшмамат Бердиев мутмаин аст, ки дар оянда аз фурӯши каврак 1 миллиарду 800 миллион сӯм даромад хоҳад дид. Ба гуфтаи ӯ, шираи каврак бештар ба давлатҳои Ҳиндустон, Покистон ва Малайзия содир карда мешавад. Ин соҳибкори ҳафтодсолаи ноҳияи Чироқчӣ аз даромади каврак барои фарзандон коргоҳи хусусии дӯзандагӣ бунёд карданист.

Бояд таъкид кард, ки дар ноҳияи Чироқчӣ ба кишти каврак бештар аҳамият медиҳанд. Ҳукумати ноҳия дар ин авохир заминҳои партову бекорхобидаи қади роҳҳоро обод мекунад ва дар баробари ниҳолҳои туту қаламчаи токи ангур ниҳоли кавракро низ шинонда, умед дорад, ба иқтисоди маҳаллӣ даромади иловагие зам мегардад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# ХАБАР

## ДАР БОРАИ ҶАМЪОМАДИ УМУМИИ СИЮ ҲАШТУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

### Механизмҳои бозорӣ боз ҳам инкишоф дода, дахлнопазирии моликияти хусусӣ кафолат дода мешавад

Ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва соҳибкорӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ва боз ҳам пурзӯр намудани ҳифзи моликият таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Давлат механизмҳои рушди муносибатҳои бозорӣ, фароҳам овардани шароити рақобати одилона, таъмини фазои мусоиди соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, ҳифзи дахлнопазирии моликияти хусусиро муайян мекунад.

Дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав вазифа гузошта шудааст, ки то соли 2030 маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҳар сари аҳолӣ 1,6 баробар ва даромад ба беш аз 4 ҳазор доллари ИМА зиёд карда, ба яке аз «кишварҳои дорои даромади миёнаи болоӣ» ворид гардем. Нормаҳои пешниҳодшуда ба муваффақ гардидан ба ин мақсадҳо ва таъмин намудани суръати устувори баланди афзоиши соҳаҳои иқтисодиёт хизмат мекунанд.

Дар лоиҳа таъкид шудааст, ки таъмини дахлнопазирии моликият ва ҳуқуқҳои вобаста ба он аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, маҳдуд кардани ҳуқуқи моликият танҳо бо қарори суд имконпазир мегардад, гардиши озоди молу хизмат, захираҳои меҳнатӣ ва молиявӣ кафолат дода мешавад, ки ин кафолати мустаҳками ҳуқуқии рушди устувори иқтисодӣ, фаъолияти озоди соҳибкорону тоҷиронро, ки асоси зиндагии ободи мост, фароҳам меорад.

### Ҳуқуқи ҷавонон, кўдакон, занон аз ҷониби давлат ҳифз карда мешавад

Лоиҳа кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳуқуқи кўдакон, ҷавонон ва масъалаҳои оилавиро мустаҳкам мекунад. Махсусан, ғамхорӣ кардан ба ҷавонон, кўдакон, занон, оила ҳамчун вазифаи муҳимтарини давлат ва ҷомеа мустаҳкам карда мешавад. Давлат ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷавононро муқаррар мекунад.

Сенаторон қайд карданд, ки дар Ўзбекистони Нав оид ба баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоию иқтисодии занон, таъмини ҳуқуқу озодии онҳо, фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои иштироки онҳо дар корҳои давлат ва ҷамъият қадамҳои қатъӣ гузошта шуданд.

Аз ҷумла, бори нахуст ҳиссаи занон дар порлумони миллӣ ба 32 дарсад расидааст, ки ба тавсияҳои СММ мувофиқ аст. Ҳиссаи занон дар хизмати давлатӣ 33 фоиз, дар иқтисодиёт ва саноат — 46 фоиз, маориф — 74 фоиз, тиб — 77 фоизро ташкил медиҳад. Қариб 2000 нафар занони мо дар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор мекунанд.

Сенаторон таъкид намуданд, ки ворид карда шудани боби алоҳида ба лоиҳа оид ба мушкилоти ҷавонон, ки зиёда аз 18 миллион нафарро ташкил медиҳад, аҳамияти муҳим дорад.

Аз ҷумла, давлат барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон, ҳавасмандгардонии иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат, фароҳам овардани шароит барои рушди рӯҳӣ, зеҳнӣ, эҷодӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии онҳо, амалӣ намудани ҳуқуқҳои онҳо масъул мебошад. Қайд карда шуд, ки ин қоидаҳо ба ҷавонон имкони худтатбиқкунии комил фароҳам меорад.

### Меъёрҳои ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон аз ҷиҳати конститутсионӣ мустаҳкам карда мешавад

Меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки ба таъмини ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон бахшида шудааст, муқаррар карда шудаанд, аз ҷумла, муайян карда мешавад, ки давлат барои беҳтар, барқарор кардан ва ҳифзи муҳити зист, нигоҳ доштани мувозинати экологӣ, ҳифз ва барқарорсозии системаи экологии минтақаи баҳри Арал тадбирҳо меандешад.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки ин меъёри конститутсионӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав муайян шудааст, аз ҷумла то соли 2026 ба 25 фоиз расондани ҳиссаи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ба 10 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ кам кардани ҳаҷми партофтани газҳои зараровар ба атмосфера аз ҷониби бахшҳои иқтисодиёт асос мегардад.

Ба ин муносибат сенаторҳо қайд карданд, ки бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ва пешгирии таъсири зараровар ба муҳити зист давлат барои назорати ҷамъиятӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ шароит фароҳам меорад.

### Рушди минбаъдаи меъёрҳои марбут ба институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори оммавӣ

Нақш ва мақоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷиҳати конститутсионӣ мустаҳкам гардида, бори аввал дар бораи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ боби алоҳида ворид карда, ба институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ таъриф дода, кафолатҳои фаъолияти онҳо муқаррар карда мешаванд.

Татбиқи тадбирҳои дастгирии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини иштироки онҳо дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ муҳимтарин вазифаҳои Ҳукумат муайян карда шудааст.

Сенаторон таъкид намуданд, ки дар тўли 6 соли гузашта ҳаҷми дастгирии давлатии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ 25 баробар зиёд шуда, низоми маблағгузории буҷавии фаъолияти 472 иттиҳодияҳои ҷамъиятии шахсони ногиро, 150 марказҳои миллии фарҳангӣ ҷорӣ карда шуд ва меъёрҳои конститутсионӣ имкон медиҳад, ки кор дар ин самт ба сатҳи нав бардошта шавад.

Конститутсия озодии воситаҳои ахбори омма, ҳуқуқи онҳоро дар ҷустуҷӯ, гирифтан, истифода ва паҳн кардани иттилоот кафолат медиҳад. Инчунин равшан муқаррар шудааст, ки монеъ шудан ё дахолат кардан ба фаъолияти ВАО боиси ҷавобгарӣ мегардад.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки ин меъёрҳо дар лоиҳа дар таъмини фаъолияти бештари ВАО ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, фазои ошкорбаёнӣ, шаффофият ва қонуният дар ҷомеа, муколамаи байни давлат ва ҷомеаро мустаҳкам мекунад, барои муқаррар намудани назорати пуриқтидори ҷамъиятӣ, минбаъд баланд бардоштани озодии сухан ва иттилоот дар кишварамон замина фароҳам меорад.

### Низоми ҳокимияти давлатӣ ба куллӣ ислоҳ карда, парламентаризм мустаҳкам мегардад

Асосҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ, маqом ва ҳамкории ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия ба куллӣ такмил ёфта, мувозинат, таносуби байни мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам мегардад. Ваколати парлумон пурзӯр шуда, мақоми Сенат ҳамчун палатаҳои намояндагиҳои ҳудудӣ такмил меёбад.

Агар тибқи Конститутсияи амалкунанда 5 ваколати истисноии Палатаи қонунгузорӣ мавҷуд бошад, пас тибқи лоиҳа 12 ваколати онҳо вуҷуд дорад. Ваколатҳои истисноии Сенат аз 14 ваколати феълӣ ба 18 адад зиёд карда шуданд.

Тибқи лоиҳа, ваколатҳои истисноии Палатаи қонунгузорӣ ваколат оид ба баррасӣ ва тасдиқи номзадии Сарвазирро дар бар гирифта, бо назардошти таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, тартиби аз ҷониби Президент гузарондани машваратҳо бо ҳамаи фраксияҳои ҳизбҳои сиёсӣ пеш аз ворид намудани номзадии Сарвазир ба Палатаи қонунгузорӣ ҷорӣ карда мешавад. Таъкид гардид, ки ба шарофати ин раванди пешбарии номзад ба вазифаи Сарвазир демократӣ мегардад.

Таъкид гардид, ки дар Конститутсияи навтаъсис пешниҳод карда мешавад, ки чунин таҷриба ҷорӣ карда мешавад, ки тибқи он номзадҳо ба мансабҳои Прокурори генералӣ, раиси Палатаи ҳисоб дар Сенат баррасӣ шуда, сипас аз ҷониби Президент таъин карда мешаванд, инчунин роҳбарони мақомоти зиддикоррупсионӣ ва органи зиддиинҳисориро Сенат интихоб мекунад.

Бо мақсади пурзӯрсозии назорати парлумонӣ аз болои фаъолияти хидматҳои махсус маълум карда шуд, ки оиди номзад ба роҳбарии Хидмати амнияти давлатӣ аввал дар Сенат машварат пеш бурда шуда, баъд тартиби таъин карда шудан аз ҷониби Президент ҷорӣ карда мешавад.

Дар ҷамъомад таъкид ёфт дар Қомуси асосӣ мустаҳкам карда шудани ваколати кумакрасонии Сенат ба фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар шароити нави конститутсионӣ–ҳуқуқӣ вақти бекор карда шудани тартиб оиди ба Шӯроҳои маҳаллӣ раисӣ кардани ҳоким дар самаранок ташкил кардани фаъолияти онҳо аҳамияти муҳим касб намуда, ба сифати мақомоти ифодакунандаи манфиатҳои ҳудудҳо дар Сенат бобати масъулиятнок ва халқона гардидани Шӯроҳои маҳаллӣ масъулияти онҳоро зиёд мекунад. Аз ҷониби сенаторҳо қайд ёфт ба Сенат дода шудани ҳуқуқи воридгардӣ ба палатаи поёнӣ дар тартиби ташаббуси қонунгузорӣ оиди пешкашсозии таклифҳо ба қонунгузорӣ баҳри баланд бардоштани самаранокии фаъолияти қонунгузорӣ ва назоратӣ-таҳлилии палатаи болоӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани натиҷадории фаъолияти он дар ҳалли масъалаҳое, ки халқро норoҳат месозанд, хидмат менамояд.

Дар маҷлиси умумӣ тавассути ихчамгардонии таркиби Сенат бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он аз 100-тои дар амал ба 65-то фуровардани миқдори сенаторҳо, дар он тартиби дар амали ташаккулёбии Сенат, аз ҷумла, дар маҳалҳо баробарии намояндагиро нигоҳ доштан муҳокима карда шуд.

Таъкид ёфт ин меъёр имкон медиҳад ҳамранг бо моҳияти ислоҳоти маъмурӣ, ки дар мамлакатамон ба амал бароварда мешавад, баҳри модернизатсияи фаъолияти Сенат имконият фароҳам меоварад.

### Ба Шӯроҳои депутатҳои халқӣ роҳбарӣ накардани ҳокимон муайян мегардад

Гуфта шуд меъёр оиди аз эътибор соқит сохтани Институти ба Шӯроҳои депутатҳои халқӣ роҳбарӣ кардани ҳокимон баҳри ба дараҷаи маҳаллӣ татбиқ сохтани принсипи тақсимгардии ваколатҳои ҳокимият, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Шӯроҳои маҳаллӣ ва афзунсозии масъулияти ҳокимон дар назди вакилони халқ, таъмини пурраи манфиатҳои халқ дар ҳудудҳо хидмат менамояд.

Баробари ҳамин бо мақсади омодасозии базаи меъёрию ҳуқуқии дахлдор, таъмини фаъолияти судманду пайиҳами мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва ҳокимияти давлатии иҷроия, ин тартиб дар шаҳри Тошканд ва вилоятҳо аз рӯи натиҷаҳои интихобот ба органҳои намояндагии навбатӣ дар соли 2024, нисбати мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва иҷроияи ноҳия ва шаҳрҳо амалигардӣ аз 1 январи соли 2026 мувофиқи мақсад аст, қайд карда шуд дар ҷамъомад.

### Кафолатҳои мустақилии ҳокимияти судӣ пурзӯр мегардад

Сенаторҳо таъкид карда гузаштанд, ки пурзӯрсозии кафолатҳои мустақилии фаъолияти судҳо дар Конститутсияи таҳрири нав, дахлнопазирии судяҳо ва оиди корҳои муайян ҳисобдор набудани онҳо, воридшавии меъёрҳои муҳим аз рӯи таъмини амнияти доварон барои ба амал баровардани кори судии одилонаи пурра ва мустақил кафолати муҳим мебошад. Хусусан, молиявисозии фаъолияти судҳо фақат аз ҷониби Буҷаи давлатӣ ва меъёри конститутсионӣ оиди зарурияти таъмини ба амал баровардани корҳои судии пурра ва мустақил баҳри муташаккилии сохтори судии воқеан адолатнок ва мустақил хидмат менамояд.

Ба шаҳрвандон дода шудани ҳуқуқи муроҷиат кардан ба Суди конститутсионӣ дар бораи ба Конститутсия мувофиқии қонуни дастгирисозӣ нисбати худ, ки аз ҷониби суд дода шудааст, тартиби демократии тамоман нав буда, ба шаҳрвандон имкон медиҳад ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худро боз ҳам боварнок ҳимоя намоянд.

Дар ҷамъомад эътироф карда шуд, ки таҳрири нави Конститутсия дар барпои асосҳои давлатдории иҷтимоӣ, демократӣ-ҳуқуқӣ ва воқеан халқпарвар, баланд бардоштани фаровонии аҳолӣ, боз ҳам афзунсозии ҳуқуқу манфиат ва қадру қимати онҳо, либерализозии тамоми соҳаҳои ҳаёт омили муҳим буда, дар тараққиёти Ўзбекистони Нав ба давраи нав оғоз мебахшад.

Дар натиҷаи дигаргунӣ ва иловаҳои мазкур моддаҳои Конститутсия аз 128-то ба 155-то афзуда, ҳаҷми меъёрҳо 65 фоиз зиёд шудааст. Таъкид ёфт дигаргуниҳо дар миқдор ва мазмун аз зарурати қабул карда шудани Конститутсия дар таҳрири нав далолат медиҳад. Дар натиҷаи муҳокимаҳо аз ҷониби сенаторон қарор «Оиди лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон» оиди гузаронидани референдуми Ҷумҳурии Ўзбекистон» қабул карда шуд, мувофиқи он референдум ба рӯзи 30 апрели соли 2023 таъин гардид.

**Хидмати иттилооти Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон.**

*МАВЗӮИ РӮЗ*

## ШАВҚИ КИТОБХОНӢ КОҲИШ МЕЁБАД

*Фурӯғи коинот аз Офтоб аст,*
*Фурӯғи одамият аз китоб аст.*

Тавре аз мушоҳидаҳои чандинсола маълум мегардад, насли калонсоли мо китобхон, рӯзномаву маҷаллахон будаанд. Алалхусус, солҳои 70 ва 80-уми қарни сипаригашта. Китобхонаҳои шаҳру ноҳия, мактабу ташкилоту корхонаҳо (солҳои пешин дар истироҳатгоҳҳо, ташкилоту корхонаҳо низ китобхонаҳои хурд мавҷуд буданд) лабрези китоб буданд. Ҳатто бисёр одамоне, ки бо илму маърифат сарукор доштанд, аз ҷумлаи олимону шоирон, нависандагону журналистон ва муаллимон дар хонаҳои хеш китобхонаҳои шахсӣ доштанд, ки аз онҳо садҳо нафар истифода мебурданд. Новобаста аз синну сол ва касбу кор одамон машғули китобхонӣ буданд. Бале, ба хондан шавқу завқ, садоқату эътиқод ва меҳру самимият буд он солҳо. Хондани рӯзномаву маҷалла бошад, як амри воқеӣ ва шуғли ҳамарӯзаи одамон буд. Яъне, бо хондани китобу рӯзномаву маҷалла одамон ҳам истироҳат мекарданду ҳам ғизои маънавӣ мебардоштанд.

Ман чун омӯзгор собиқаи зиёди 40-солаи корӣ дорам. Дар ин муддат китобу рӯзнома ва маҷаллаҳои бисёре харидаву ҷамъоварӣ кардаам, ки садҳо нафар, асосан хонандагону омӯзгорон, ҳатто коргарону нафақахӯрон аз китобхонаи шахсии банда ба таври васеъ истифода бурдаанд. Қисме 20-30 нусха, қисми дигар то 50-60 нусха, ҳаводорони илму маърифати володошта бошанд, садҳо нусха китобҳои назмиву насриро аз банда гирифта, хондаву бозпас гардондаанд. Ҳатто баъзе китобҳои хуб аз хондани бисёриҳо фарсуда мешуданд. (Ҳалолашон бод!) Баъд аз солҳои 90-уми асри гузашта бошад, шавқи китобхонӣ оҳиста-оҳиста коҳиш ёфт ва имрӯзҳо аксарият ёд аз хондани китоб намекунад. Ҳама рӯй ба телефони мобилӣ ниҳода, хондану омӯзишро аз тариқи интернет қарор додаанд.

Ман мушоҳида мекунам, ки дар давоми 4-5 соли охир китобхонӣ аз миён рафта истодааст. Бо ташаббус ва заҳматҳои зиёди шоир, инсони фарҳангдӯсту маърифатпарвар Асадуллоҳ Исмоилзода дар собиқ маркази хоҷагии ҷамоавии Охунбобоеви ноҳияи Сариосиё мағозаи китобфурӯшӣ ташкил гардид. Ҳамаи китобҳои тоҷикии тозанашре, ки дар шаҳрҳои Тошканду Самарқанд рӯйи чопро медиданд, ба он ҷо оварда ба фурӯш гузошта мешуду дастраси муштариён қарор мегирифт. Афсӯс, ки он ҳам ба сахлангориву бепарвоии бефарҳангон аз миён рафт. Имрӯзҳо бошад, мо танҳо эъломияи китобҳои тозанашри тоҷикиро аз рӯзномаву маҷалла, ё тариқи телефонҳои мобилӣ аз интернет мефаҳмем, вале барои дастрас кардани онҳо мушкилӣ мекашем. Дар маркази ноҳия ва дигар нуқтаҳо низ мағозаҳои китобфурӯшӣ ба роҳ монда шуда буд. Аммо бо иллати набудани муштариён онҳо тадриҷан аз фаъолият бозмондаву ба ҷойи китоб дигар масолеҳ ба фурӯш гузошта шудааст. Яъне, ба қавли Хоҷа Ҳофиз «Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам».

Моҳи ноябри соли сипаришуда гузорам ба китобхонаи миллии шаҳри Тирмиз афтод. Ба нуқтаи фурӯши китобҳо дохил шудаму диламро сардӣ фаро гирифт. Садҳо нусха китобҳои тоҷикиву ўзбекӣ дар ҷевонҳо ва рӯйи замин омехтаву парешон ва чаппаву роста хобида буданд. Ман ҳис мекунам, ки ба ин ҳол аз субҳ ба шому аз нур сӯйи зулмот меравем ва боқӣ ҳама ҳеҷ!

**Абдубароти ҚОДИРӢ,**
**омӯзгори мактаби рақами 15-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

*Ҳикмат*

## «СИРРИ МУВАФФАҚИЯТ...»

Худшиносиву худогоҳӣ аз омӯзиши таърих ибтидо мегирад.

Таърихи гузаштаи хешро наомӯхта, имрӯзу фардоро омӯхта намешавад. Омӯхтани шаҷараҳои таърихӣ ба бедоршавии хотираи таърихӣ сабаб мегардад. Мешавад, ки ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои фанни таърих ба азхуд намудани шаҷараи Рюриковҳо, Романовҳо ё Темуриҳо истода гузашта, ба аз худ намудани намояндагони ин сулолаҳо, солҳои зисту давраи ҳукмронии онҳо эътибори ҷиддӣ медиҳем. Инҷо гуфтанием, ки агар шаҷараи авлодии худамонро низ донем нур болои нур мегардад. Гузаштагони мо беҳуда нагуфтаанд: «Ҳафт пуштатро дон!». Пас ривоҷи хотираи таърихӣ аз оила оғоз мегирад. Бисёр шунидаем, ки ҷавонони мо танҳо се ё чор насли гузаштаи худро медонанду халос. Инҷо ҳадаф танҳо айбдор намудани насли ҷавон набуда, таъкиди он дорем, ки бояд ҳар як фарди худогоҳ, баҳри худу авлоди ояндаи хеш шаҷараи авлодиашро ҷамъоварӣ намуда, боқӣ гузорад. Ногуфта намонад, ки ин кори саҳл нест, шуҷоату ҷасорат мебояд. Баҳри ба мақсад расидан пайваста кўшишу ҷустуҷӯ намудан лозим аст. Ба ин маънӣ Ҳусайн Воизи Кошифӣ фармуда: «Бе азми дурусту саъйи комил, Касро нашавад мурод ҳосил». Сабаби бо пуррагӣ то ба мо расида омадани сулолаҳои таърихӣ дар он аст, ки онҳо сари вақт рӯйи коғаз сабт гардидаанд. Агар мо хоҳем, ки минбаъд насли оянда шаҷараи авлоди худро аз худ кунад ва давом диҳад, навиштани онро аз ҳоло шурӯъ намоем. Барои ин моро хоҳиши қатъӣ лозим аст. Умед аст, ки ин гуна ҷасоратро аз посухи файласуфи Юнони қадим Суқрот ба саволи, «сирри муваффақият дар чист?», ки дар поён манзури шумо мегардонем, пайдо карда метавонед.

Овардаанд, ки ҷавоне аз Суқрот пурсид, ки сирри муваффақият дар чист? Суқрот гуфт, ки фардо субҳ ба назди дарё биёяд ва дар он ҷо ба саволаш ҷавоб медиҳад. Пагоҳӣ ҷавон ба соҳили дарё омад. Суқрот ба ў фармуд, ки ба дарё фуроянд. Онҳо якҷоя ба дарё фуромаданд. Вақте ки об то гардани онҳо расид, Суқрот ногаҳон сари ҷавонро ба об ғӯтонид. Ҷавон ҳарчанд аз об берун шудан мехост, вале Суқрот пурқувват буд. Суқрот ҷавонро то нафастанг шудан дар об нигоҳ дошт, пас ўро аз об берун кард. Ҷавон нафаси чуқур кашид. Суқрот пурсид: Вақте ки саратро дар об зер карда меистодам аз ҳама зиёд чиро хостӣ? Ҷавон ҷавоб дод: «Ҳаво». Суқрот дар ҷавоб гуфт: «Сирри муваффақият дар ҳамин аст! Шумо бояд комёбиро ба он андоза хоҳед, ки ҳаворо дар қаъри об мехостед. Дигар сирре нест».

Хоҳиши шарора гирифтан оғози муваффақият аст. Тавре ки оташи хурд наметавонад гармии зиёд диҳад, хоҳиши заиф наметавонад асоси ҳадафҳои бузург бошад.

**Дилдор ИБОДОВ,**
*ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.*

*Муҳаммад ШОДӢ*

## МОДАРОН

*Натанҳо аввалин омўзгоранд,*
*Як умр устоди мо дар рўзгоранд.*

*Чу гулҳои ҳаёт астанд тифлон,*
*Биҳиштоғӯш модарҳо баҳоранд.*

*Писар бар ҳифзи меҳан то фиристанд,*
*На зан, марданд. Марди сарсупоранд.*

*Ҳазорон бор ранҷонем, бахшанд,*
*Пайи омурзишанд, омурзгоранд.*

*Чу ҷону дил гуселонданд ҳар сӯ,*
*Кунун дар роҳи онҳо чашмчоранд.*

*Дилу ҷонанд морову дилу ҷон,*
*Зи таҳти ҷону дил моро шуморанд.*

*Даме дасти дуоро мекушоянд,*
*Гумоне ҳамдами Парвардгоранд.*

## ДАР ТАҚВИЯТИ ЭРАҶ МИРЗО

*Ба шому бар шаби фарзанд хуршеди саҳар модар,*
*Мунаввар хонадонҳо аз чароғи шуълавар – модар.*

*Чу меҳри модарӣ чун нури хуршед аст оламгир,*
*Бидонад, айни дам, фарзанди худ нури басар модар.*

*Табассум мекунад дунёи вай, чун тифл мамнун аст,*
*Чу фарзанд аст дилхун, мехўрад хуни ҷигар модар.*

*Дар он дам ҳам, ки мегиряд дили ў, мезанад лабханд,*
*Насозад дард рў, пинҳон намояд чашми тар модар.*

*Ба сўйи қиблаи уммед чун муслим рўй орем,*
*Намоем, эй бародарҳои ҷон, таъзим бар модар.*

*Баробар гарчи модар ҳам падарро дўст медорем,*
*Назар бар қиблагаҳ гўё бидорад дўсттар модар –*

*Падар ҳам гарчи фарзанд аз дилу ҷон дўст медорад,*
*Бидорад дўст моро бо дилу ҷони дигар модар!*



*Дар мактаби таълими умумии рақами 55-уми ноҳияи Андиҷон баробари дар асоси технологияҳои баланди педагогӣ дониш омўзондан ба ҷавонон бо назардошти шавқи онҳо барои касбу ҳунаромўзӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад.*

*Таҳхонаи мактаб, ки холӣ меистод, ба соҳибкорон ба сифати иҷора супурда шуд. Дар ин ҷо устохонаҳое кушода шуданд, ки дўзандагӣ, мебелсозӣ, қаннодӣ, косибӣ, сабадбофӣ, кўрпадўзӣ барин ҷамъ 14 навъ ҳунарро меомўзонанд. Айни замон дар ҳудуди мактаб нуқтаҳои хидматрасонии техникӣ ба автомобилҳо, харротӣ, табъу нашр, хидмати компютерӣ ва салонҳо ташкил карда шудааст. Ҳамин тавр бештар аз 600 нафар писару духтарон, ки дар ин ҷо таълим мегиранд, вақти холиашонро мазмуннок гузаронда, ба имконияти дарёфти даромад низ молик мегарданд.*

***Дар сурат:** дар мактаби таълими умумии рақами 55-уми ноҳияи Андиҷон.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

## «БОНУВОН ДАР РОҲИ БУЗУРГИ АБРЕШИМ»

***Бо чунин ном таҳиягарон аз Русия доир ба фаъолияти бонувони соҳибкори Ўзбекистон филмҳои мустанад бардоштанд. Аҷибаш дар он аст, ки таҳиягарони соҳибтаҷриба Кристина Кретодова ва Анна Каменева худ тавассути автомобил ба шаҳри Самарқанд омаданд.***

Онҳо бо собиқ директори китобхонаи ба номи Пушкини вилоят ва сарвари хиёбони таърихӣ-этнографӣ Елена Ладик суҳбати дилнишину самимӣ ороста, ба пурсишҳои худ ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

Дар «Шаҳри абадӣ» таҳиягарони филмҳои мустанад бо бонувони ин мавзеъ вохўрии хотирнишон гузарониданд.

—Бонувони Самарқанд ба мо таассуроти калон гузошт, – гуфт Кристина Кретодова, – онҳо ҷаҳонбинии васеъ дошта, аз бонувони мо камӣ надоранд. Чанде пеш мо дар бораи бонувони баҳри Байкал низ барномаи калони мустанад таҳия карда, пешкаши мухлисони телевизиони Русия намуда, ҷоизаҳои давлатии мамлакатро гирифтем. Умедворам, филмҳои мустанаде, ки дар Ўзбекистон ба навор бардошта шуданд, ба мухлисони телевизиони Русия писанд хоҳад омад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Рўйнамоӣ

# БА ҶАВОНИ КИТОБ – БОЗ ДУ КИТОБ

***Чанде пеш дар бораи аз нашр баромадани китоби «Дарахтон то бўрон сарсабзанд», ки ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Рафиқ Нишонов бахшида шудааст, тавассути рўзнома маълумот дода будем. Инак, дар сафоратхонаи Тоҷикистон муаррифии китоби мазкур ва «Фирдавсӣ» ном асари адабиётшинос Натан Маллаев баргузор гардид.***

Сафири Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода ба мутарҷимон Аслиддин Қамарзода ва Тоҷибой Икромов арзи сипос намуда, ба забони ноби тоҷикӣ равону суфта тарҷума шудани онро таъкид кард.

– Китоби хубу хонданӣ сабаби шабзиндадории китобхон шуда метавонад, — гуфт А. Раҳмонзода. – Азбаски ин асар низ хубу хоно тарҷума шудааст, дар як шаб хонда баромадам.

– Рафиқ Нишонов ҳамаи корҳое, ки як марди босалоҳияту иқтидорноку меҳандўст аз ўҳдааш баромада метавонад, барзиёд адо кард, – гуфт А. Раҳмонзода. – Ў ҳамчун падар фарзандҳои батамкину донишмандро ба воя расонд, ки ҳоло дар ҷабҳаҳои гуногуни ҷамъият фаъолият доранд. Ҳамчун дипломати бомаҳорат фаъолият бурд, ки масъала ва мушкилоти басо нозуки байни мамлакатҳои Иттиҳоди Шуравиву Ўрдуну Шри-Ланкаву Малдивро ҳаллу фасл намояд.

Рафиқ Нишонов дар мустаҳкам намудани дўстии байни халқҳои Ўзбекистону Тоҷикистон саҳми босазо гузошт. Чунин хидматҳои ўро ба эътибор гирифта, аз мутарҷимони китоб Т. Икромов пешниҳод кард, ки ба хотири абадӣ гардондани номи Р. Нишонов дар Тоҷикистон муассисае ба номаш гузошта шавад.

Пас қисми навбатии чорабинӣ, ки ба китоби «Фирдавсӣ»-и Натан Маллаев бахшида шуд, баргузор гардид. Асари мазкур, ки бори аввал рўйи чопро дид, барои ҳамаи китобхонон воқеаи муҳим гардид. Асар бо саъю ҳаракати шогирди Н. Маллаев, доктори илмҳои филологӣ Ҳамидҷон Ҳомидӣ ба табъ расидааст.

– Натан Маллаев дар рушди адабиёти классикии турку форсу тоҷик саҳми босазо гузошт, — гуфт Ҳ. Ҳомидӣ. – Ў то охири умр бо омўхтани фаъолияти эҷодии чандин нафар классикони адабиёти бадеӣ, аз ҷумла, Абулқосими Фирдавсӣ машғул шуд. «Аз «Авесто» то «Шоҳнома» ва китоби мазкур талошҳои олим дар ин ҷода мебошад.

Ҳ. Ҳомидӣ аз овони ҷавонии худ ёдовар шуда гуфт, ки Н. Маллаев натанҳо дар соҳаи илму адаб, балки дар одамдўстиву инсонпарварӣ низ беҳамто буд. Азбаски ятиму бенаво ба воя расида будам, солҳои пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон, ки даврони донишҷўии ман ба он солҳо рост омада буд, аз ҷиҳати моддӣ қаҳтиҳои басо сангин пеш меомад. Фикр мекунам, ки устод Н. Маллаев ба ман ҳаққи падарӣ низ дорад. Ў чун падари ғамхор маро ҳам бо хўрду хўрок ва ҳам бо сарубар парасторӣ мекард.

Пас, қисми бадеии чорабинӣ оғоз ёфт. Шоирон А. Субҳон, М. Шодиев ва Х. Саъдулло оиди баҳору даврони ҷавонӣ мушоира доир намуданд. Шогирди устоди Донишкадаи санъати мусиқии миллии мақом ба номи Юнус Раҷабӣ Абдувалӣ Абдурашидов — хонанда Малика Мамадолимова аз «Шашмақом» порчаҳо суруд, ки басе хотирмон буд.

**Набия НОДИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ЁДБУДИ ШОИРИ КИТОБДЎСТ

***Бо ташаббуси Иттиҳоди журналистон ва Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон дар Маркази матбуоти миллӣ чорабинии маърифатӣ бахшида ба муаррифии китоби «Ман андар хобҳо зинда хоҳам монд», ки ба хотираи журналист, публитсист Ҷавоҳир Қудратов бахшида шудааст, баргузор шуд.***

Дар маҳфили ёдбуд шоиру нависандагон, олимон, актёрон ва дўстону шогирдони журналист иштирок намуданд.

– Зиндагиномаи Ҷ. Қудратов барои мо ва насли оянда намунаи ибрат аст. Ў инсони ҳақгў буд, ҳақиқатро ба мизони умри худ табдил дода буд, – гуфт шоир Р. Ҷумъаниёзов. – Китобдўстии эшон намунаи ибрат аст. Ў ба куҷое, ки сафар накунад бо худ даста-даста китоб меовард.

Дар китоб мақола, ҳикоя, шеърҳои муаллиф ва хотираҳои устодону ҳамкасбон ва дўсту шогирдони ў ҷамъ оварда шудааст.

Баромадкунандагон таъкид намуданд, ки Ҷ. Қудратов инсони басо бомаданият буд, дили поку беолоиш дошт. Ў дар соҳаи илми адабиётшиносӣ шогирдони зиёдеро тарбия кардааст.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Чеҳраҳои намоёни маориф

# МАКТАБИ САОДАТ

***Саодат Сангинова аз зумраи раҳбароне аст, ки дунёи худро соҳиб буда, ба ояндаи рўшани давлату ҷомеа назари неке дорад. Аз худ буридаву ба пешрафти коргоҳ бахшиданро шарти муҳими раҳбарӣ меҳисобад. Саодат Сангинова як хонуми чашму дилаш сер, ба ҷуз ободӣ фикри изофае дар сар надорад ва шукуфоии ватанро дар сифати баланди таълим мебинад. Ин бонуи нияташ поку маслакаш мустақим аз соли 2020 то имрўз вазифаи директори мактаби рақами 82-юми ноҳияи Сариосиёро ба дўш дорад. Вай тавонистааст, ки дар як муддати кўтоҳ дабистони намунавие созмон диҳад.***



## «Мактаби Саодат»

Агар дар хусуси мактабу маориф биандешам, бевосита симои гарм ва ниҳоят ҳалими ин бонуи ҳамеша дар такопў, ғамхор ва роҳбари ботаҷриба пеши назарам меояд. Вайро дар деҳаи Сариҷўй аҳаде нест, ки нашносад ва ба эҳтиромаш қоил набошад. Саодату мактабашро дар микёси ноҳия ҳам хуб мешиносанд. Ҳатто овозаҳои мактаби намунавии ў то идораҳои болоии соҳаи таълим рафтаву раҳбаронро мафтун кардааст.

Аз маркази ноҳия ба мошине нишаста, хоҳиш намудам, ки ба мактаби рақами 82 расонад. Ронанда ба дари чанд мактаб бурд, аммо рақами он мактабҳо мувофиқат намекарданд. Баъд гўё фикри тозае ба сараш омада:

– Номи директораш чист? – пурсид бо хиҷолат.

– Саодат Сангинова, – посух додам.

– Мактаби Саодат гўед намешавад, меҳмон. Ин мактабро дар Сариосиё ҳамин хел меноманд, – аз барори кор хушҳол гашт ў...

Тақрибан 10-15 километр раҳро тай задаву қад-қади дарёи хурўшони Тўпаланг боло рафта, дар саргаҳи Дараи Ниҳон қарор гирифтем. Ин ҷо деҳа Сариҷўй ном дошта, дар оғўши сабзаш «Мактаби Саодат» ҳам ҷой гирифтааст.

Бале, ҳар маконро бо фарзандони номвараш мешиносанд. Дар шафати деҳаи Сариҷўй боз як мавзеи тоҷикнишин ҳаст, ки Гулистон мегўянд. Мактаби замонавиеро дорост ва ғолибан таълимгоҳи рақами 82 – «Мактаби Саодат», – филиали он будааст. Чандин сол муқаддам дар он мактаб шоири хуби мо Абдуллоҳи Раҳмон (равонашон шод бод!) кор мекард. Ҳамдилон деҳа ва дабистони ин мавзеъро бо номи Абдуллоҳи Раҳмон рабт медоданд. Ҳоло деҳаи Сариҷўю мактабашро бо номи шогирди он шоири шаҳир, қаламкаши ҳирфаӣ Саодат Сангинова ба забон меронанд.

## Мактаби монои биҳишт

Вақте ба дабистони рақами 82 ворид шудем, худро дар чаманистони ҳақиқӣ дидем. Аз ду қади роҳравҳо гулҳои зиёде шукуфтаву ба сад ранг ҷилва мекунанд. Накҳати хуши онҳо табъи касро аҷаб болида медоранд. Ин гулҳоро чунон интихоб кардаанд, ки ҳар кадом дар фасли худ шукуфта, саҳни мактабро тамоми сол ба як мавзеи ҳамешабаҳор мубаддал месозанд. Аз дидани манзараи саҳни дабистон, мураттабиву муназзамии он ба ваҷд омада, ба роҳбару аҳли ҷамоаи омўзгоронаш бевосита таҳсин хондем. Азбаски Саодат як тан раҳбари ба шеъру шоирӣ алоқаманд мебошад, корҳояш ҳам дар мактаб равониву муназзамии шеърро мемонад ва ба дунёи ботиниаш ҳамоҳанг аст.

## Ободгари дабистон

Вақте охири соли 2018 «Мактаби Саодат» аз таркиби дабистони рақами 38-ум берун омада ва таҳти рақами 82 муассисаи таълимии алоҳидае гашт, як бинои начандон ободе дошт. Филиал, ки буд, эътиборе надида ва мудом аз назарҳо дур монда будааст. Сангиноваро ба дабистони нав аввал мудири қисми илмӣ, баъд роҳбар таъин намуданд. Вай бо кумаки ҳомиён ба таъмири ҷории бино ва ободкории саҳни ҳавлии он оғоз кард. Акнун намои беруниву дохилии он тағйир ёфта, ба чашм зебо менамуд. Ҷамоаи омўзгорон барои ҷиҳозонидани синфхонаҳо пайваста ранҷ бурдаву мактаби худро ба як маскани ангуштнамо мубаддал сохтанд.

Аммо Саодат боз аз он ноороҳат буд, ки ба шогирдонаш хонаҳои таълимӣ кифоят намекунанд ва лоиҳаеро навиштаву мактабро дар мусобиқаи «Опен бюджет» (Буҷаи кушод)-и шабакаҳои иҷтимоӣ муаррифӣ намуд ва дар ҷамъбасти ниҳоии сабқат холи зиёде ба даст овардаву маблағи сохтмони 4 синфи алоҳидаро баранда шуд. Барои сохтмон 250 миллион сўм доданд. Ҳокимияти маҳаллӣ 100 миллиони дигар зам кард. Аммо корҳои сохтмон боз барилова маблағе мехост. Саодат аз ҳамдеҳагони саховатманди худ хоҳиш намуд, ки кумаки худро дареғ надоранд. Дар муддати кўтоҳ ҳудуди 100 миллион сўми дигар ҷамъ оварданд ва корҳои сохтмон ба анҷом расид. Сохтмони бинои навро коргоҳи сохтмонии масъулияташ маҳдуди «Холмўъмин» дар ўҳда дошт. Ин коргоҳ дар ниҳояти кор аз ҳисоби худ чандин кори нобуди берун аз қарордодро иҷро кард. Дар расми ифтитоҳи бино намояндагони ҳокимияти маҳаллӣ бо сарварии ҳокими ҳамонвақтаи ноҳия Абдусалом Хўҷақулов ҳузур доштанд ва ҳоким аз фидокориҳои Сангинова, аҳли ҷамоаи омўзгорон, билохира фарзандони некноми деҳа ёдовар гашт.

Ин тавр, бо ҷонкоҳиҳои Саодат дабистон боз соҳиби як бинои замонавӣ шуд, ки дорои чор синфи хониш аст. Ин синфҳо бо таҷҳизоти пешқадам муҷаҳҳаз ҳастанд. Яке аз онҳо хонаи информатика ва компутер аст, ки маҷмўи мебели онро директор аз пули шахсии худ харидааст. Вай мегўяд, моҳонаашро қариб ба хона намебарад. Маошаш бештар ба камбудиҳои мактаб сарф мешавад. Мунтазир намеистад, ки кай ҳукумат маблағе ҷудо мекунад, ки шикасту рехти мактаб ҷуброн шавад. Дар чунин маврид ў аз маблағи ҷайби худ корҳоро сомон медиҳад. Вай мегўяд, мактабро чун хонаи Худо дўст медорад ва агар аз нўги маошаш маблағе сарф кардааст, кори савоб асту халос.

Собиқ мудири саридораи таълими халқи вилоят Алишер Пардаев, ки ҳоло равишомўз ва нозири сифати таълим дар вилоят аст, тирамоҳи соли рафта бо як даста меҳмонон ба дидани мактаб омада буд. Манзараи мафтункунандаи мактабро дида, дар ҳоли хушнудӣ гуфта буд, ки гўё дар биҳишт сайр дорад.

## Ҳоҷӣ Абдуҳалим ва мактаб

Пас аз таъмири ҷориву сохта ба истифода дода шудани бинои наве дар мактаби рақами 82 намуди ин маскани илм комилан тағйир ёфта, аз аввали соли хониш шогирдонро ба оғўш гирифта буд. Аммо набудани ошхонаи мактаб ташвишовар буд. Охир, дар мактаб хонандагон дар ду баст меҳонанд ва бояд шароити мусоиде фароҳам бошад, то вақти зарурат устодону шогирдон истифода кунанд.

Дар деҳа Абдуҳалим Абдураҳмонов ном ҳоҷӣ мезист, ки орзу дошт дубора ба зиёрати Каъба биравад. Саодат пеши ин марди фурўтан рафт ва матлаби худро баён дошт.

– Агар овозаву дарвоза накунед, ман розӣ, – гуфт Ҳоҷӣ Абдуҳалим ва бо хушҳолӣ маблағе, ки ба зиёрати Каъба пасандоз карда буд, ба дасти Саодат супурд. Муаллима гурўҳи сохтмониеро даъват намуда, бо пули ў ошхонаи мактабро сохт ва тамоми таҷҳизоти заруриашро харид. Акнун мактаб соҳиби ошхонаи замонавие гашта буд.

– Чӣ қадар маблағ сарф шуд? – пурсидам ман.

– Дар ҳадисе мегўянд, «аз саховати дасти ростат дасти чапат хабар наёбад», – посух дод роҳбари мактаб. – Он азиз умедвор аст, ки садақааш қабули даргоҳи Ҳақ гардад. Бинобар ин хоҳиш намуд, миқдорашро эълон накунем. Мо ҳамеша дар ғайбаш даст ба дуо ҳастем.

Амали солеҳи ин марди дидаи ақлаш кушода бидуни шак савоби чандин Ҳаҷро дорост!

## Китобхонаи мактаб

Дар гузашта мактаб китобхона надошт. Ин мушкил Саодатро намегузошт, ки ором гирад. Аммо ин муаммо ҳам ҳалли худро ёфт. Дар деҳа Абдурашид Халилов ном фарди худотарсу баору нанг зиндагӣ мекунад. Вай ба фарзанди худ Фарҳод васият кардааст, ки аз ҳисобаш 10 нафарро ба зиёрати Каъба фиристад, ё барои мактаби деҳа ягон амали солеҳро ба анҷом расонад. Фарҳод ва модари ў ҳоҷимомо Мамлакат Фаттоева тасмим мегиранд, ки барои дабистон ягон кори хайреро ба сомон расонда, васияти азизи худро иҷро кунанд. Саодат чун мегўяд, ки мактаб китобхонае надорад ва шогирдонаш ба мушкил рўбарў ҳастанд, Фарҳоду холаи Мамлакат бо хушҳолӣ сохтани онро бар зимма мегиранд. Дар муддати кўтоҳе бинои наву муҷаҳҳази китобхонаро сохта, армуғон мекунанд.

Ҳоло мактаб соҳиби як китобхонаи намунавие аст, ки назираш дар дигар мактабҳо пайдо нест. Кунун китобхонаи «Мактаби Саодат» аз китобҳо бой аст.

## Шогирдони номбардори мактаб

Забони таълим дар мактаб тоҷикӣ аст ва бинобар кўшиши омўзгорони соҳибтаҷриба ин маскани илм дар муддати кўтоҳе шўҳратманд гаштааст. Дар дабистон устодони тоифаашон баланд машғули тадрис ҳастанд. Муаллима номи чанде аз онҳоро бо фахр ба забон меронад. Ба гуфтаи ў, омўзгорон Насруллоҳ Эшбоев (забон ва адабиёти тоҷик), Саидхўҷа Аминов (таърих), Интизор Муродуллоева (забони давлатӣ), Малоҳат Раҷабова (забони русӣ), Мушкинисо Мустафоқулова (забони англисӣ), Фирўза Бобоева ва Майсара Сангинова (синфҳои ибтидоӣ), ки ҳар кадом тоифаҳои оливу якумро соҳибанд, бетардид аламбардорони мактаб ба ҳисоб меравaнд. Имсол шогирдон дар озмуни вилоятӣ аз фанҳо натиҷаи назаррасе ба даст оварданд. Хонандаи синфи 9 Фаришта Қурбонназарова аз забони давлатӣ соҳиби ҷои аввал гардид ва бо ҷоизаи 2 миллион сўм ба деҳа баргашт. Шогирди ҳамин синф Зайниддин Сафаров аз фанни забон ва адабиёти тоҷик мақоми сеюмро ишғол намуд. Омина Муҳибова, хонандаи синфи 10 аз забони давлатӣ сазовори ҷои сеюм дониста шуд. Ин ҳама муваффақият натиҷаи ҷаспу талошҳои омўзгорон аст, ки таълими шогирдонро хуб ба роҳ мондаанд.




## Духтари раис

Саодат дар деҳаи Сариҷўй бо номи «Духтари раис» машҳур аст. Падари ў замоне раиси ҷамоати ба номи Йўлдош Охунбобоев буд. Ин марди ҳақҷў ва покгавҳар Абдусаттор Сангинов ном дошта, солҳои 1968-1981 дар курсии раисӣ буд ва дар замонаш барои ободии маҳал басо хидмат кардааст, ки кунун мардум ўро бо некӣ ба ёд меоранд. Саодат дар оилаи ҳамин марди хушном 22-юми январи соли 1967 чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Вай фарзанди панҷуми хонадон. Аслан амаки Абдусаттору холаи Хосият соҳиби 7 фарзанд буданд: – Абдураҳмон, Муродуллоҳ, Нарзуллоҳ, Саида, Саломат, Саодат ва Адолат. Абдураҳмон муҳандис буд, аммо умр вафо накард ва дар 33-солагӣ аз дунё гузашт. Муродуллоҳу Нарзуллоҳ хондаву чун бародар соҳибмаълумот гаштанд ва яке ҳисобдон ва дигаре пешаи геолог – заминшиносиро фаро гирифт. Аз духтарон танҳо Саодат маълумоти олӣ дорад. Саодат аз хурдӣ нозпарварди падар буд ва бо дархости қиблагоҳ пайваста шеър азбар мекард. Дар натиҷа меҳри адабиёт ва санъат дар дили ў маҳкам ҷой гирифт. Соли 1984 мактабро бо баҳои аъло хатм намуд. Вай ба омўзишгоҳи мусиқӣ ҳуҷҷат супорид ва аз ин маскан дипломи сурх ба даст овард. Соли 1998 ба Донишгоҳи давлатии омўзгории ба номи Қандил Ҷўраеви Тоҷикистон дохил шуд ва соли 2003 таҳсилоти олиро бо ихтисоси педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ба итмом расонид. Аз ин даргоҳ низ бо дипломи сурх ба зодгоҳ баргашт. Корро дар мактаби рақами 38-ум чун омўзгори синфҳои ибтидоӣ оғоз карда, аз соли 2022 дар мактаби рақами 82-юм раҳбар таъин гардид. Саодат аз рўзҳои нахустини кор нишон дод, ки дар ҳирфаи худ шахси тасодуфӣ нест.

## Бонуи эҷодкор

Саодат вақте муаллима буд, рисолаи дастурие навишт, ки «Дарс ва намудҳои он» ном дошт. Дар ин рисола намунаҳои беҳтарини дарсро аз таҷрибаи худ бо сабки зебое иншо намуда, соли 2018 дар шакли китобчаи алоҳидае мунташир сохт, ки даҳҳо омўзгорони ҷавон хондаву дониш ва таҷрибаи худро сайқал доданд. То ҳол ин дастури методӣ аҳамияти худро аз даст надодааст. Аммо Саодат нишон дод, ки ба навиштани асарҳои назмиву насрӣ низ дасти баланде дошта, ҳоло чун яке аз қаламкашони муваффақи воҳаи Сурхон муаррифӣ мешавад. Вай соли 2022 ду маҷмўаи қаламиҳои худро ба нашр расонд. Яке «Субҳи саодат» ном дошта, иборат аз шеърҳо аст ва нашриёти «Маҳорат»-и шаҳри Самарқанд мунташир сохт. Навиштаҳои манзуми Саодатро аҳли адаб хеле хуб пазируфтанд. Вай боз дар навиштани ҳикоёти тамсилӣ маҳорати хубе дорад. Намунаҳои эҷоди насрии ў дар маҷмўаи «Дидор» фароҳам омада, аз тариқи нашриёти «Сурхон-нашр» чоп шудааст.

Саодат Сангинова мегўяд, ҳарчанд роҳбари як дабистон аст ва сад ташвишеро дар дўш дорад, фурсат ёфтаву ба эҷод низ машғул мегардад. Мактаби эҷодии яке аз шоирони номдори вилояти Сурхондарё – Абдуллоҳ Раҳмонро гузашта, ҳоло ғазалҳои хеле марғубу дилписанд эҷод мекунад.

Аммо ба гуфтаи худаш, вай боз ҳам ба кори омўзгорӣ дилкашол аст ва аз нақши ин пешаи муборак дар пешрафти ҷомеа басо мамнун. Эътибори ҳукумати ҷумҳурӣ ба соҳаи таълим ва сифати он обрўи омўзгоронро хоҳад афзуд ва масъулияти онҳоро барои расидан ба як кишвари пешқадам боло хоҳад бурд.

## Қаҳрамони замон

Омўзгорон ва раҳбароне мисли Саодат Сангинова қаҳрамонони замони мо ҳастанд. Вай омўзгори тоифаи олӣ, ҳукумат барои хидматҳояш бо унвони «Аълочии таълими халқи Ўзбекистон» мушарраф гардондааст. Бояд таъкид кард, ки омўхтани таҷрибаи кории Сангинова, бешак, ба фоидаи аҳли маориф хоҳад буд. Ин дар ҳолест, ки ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин авохир ислоҳоти густурдаеро дар соҳаи таълим пиёда сохта, мутмаин аст, ки дар ояндаи наздик самари худро медиҳад ва кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ чун як давлати пешқадам ва босубот муаррифӣ месозад.

Хидматҳои шахсони ҷонфидо бояд қадр шаванд. Аммо Сангинова мегўяд, ин ҳама корҳоро барои шўҳрат ё ягон ғарази дигаре ба сомон нарасонидааст. Ободкорӣ ва фидокориҳо ба ў аз қиблагоҳи бузургаш, раиси номвар – Абдусаттор Сангинов ба мерос монда, ҳар амалеро ба анҷом расонидааст, ба хотири минбаъдаи шукуфоии Ватан ва шогирдони иззатмандаш кардааст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4638 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 03.40

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд,
кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail:
ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.